Опп 1 х

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шотемур (7340003,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи: «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)) пешниҳод карда шудааст.**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба яке аз вазифаҳои афзалияти илм ва амалияи ҳар як давлати мустақил мубаддал мегардад. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ узви ҷудонашавандаи субъектҳои хоҷагидорӣ, воситаи ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва механизми асосии рушди хоҷагии миллӣ буда, инчунин омили муҳими баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосан мамлакати аграрӣ ба ҳисоб меравад, соҳаи аграрӣ яке аз соҳаҳои муҳим арзёбӣ мегардад. Ин соҳа дар таъмин намудани яке аз ҳадафҳои асосии кишвар - ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, инчунин вусъат додани шуғли пурмаҳсул нақши калидӣ мебозад. Афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо, суръати бомароми рушди истеҳсолоти кишоварзиро талаб мекунад, зеро он ба пастшавии таъминоти сарикасии маҳсулоти хӯрокворӣ оварда мерасонад. Азхудкунии заминҳои нав, ташкили коркарди маҳсулот дар ин соҳа имкон медиҳад, ки ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ ташкил ёбанд ва сатҳи табақаи миёнаи аҳолӣ зиёд гардад.

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ нақши калидиро ташкили босамари соҳибкории аграрӣ мебозад. Он имкон медиҳад, ки захираҳои замин, моддию техникӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ бо мақсади ба даст овардани миқдори зиёдтарини маҳсулот бо хароҷоти камтарин ва даромади баландтарин босамар истифода бурда шаванд.

Дар воқеъ, рушди соҳибкории аграрӣ заминаи боэътимоди таъмини бозорҳои истеъмолии ҷумҳурӣ бо молҳои ватанӣ, густариши иқтидори содиротии мамлакат мебошад. Аз ин рӯ омӯхтани шаклҳои ташкилию ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ ва вобаста ба ин эҷод намудани низоми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза аҳамияти зиёди илмию амалӣ дорад ва муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертант Иброҳимзода Одилхон Юлдошро муайян мекунад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо.** Муҳаққиқ барои дар сатҳи лозима мавриди таҳқиқ қарор додани масъалаи такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи омӯзиши масъаларо аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ дида баромада, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, усулҳои омӯзиш ва соҳаи таҳқиқотро муайян намудааст. Бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ва усулҳои таҳқиқоти соҳа тавонистааст, ки навгониҳои кори интихобгардидаро муайян ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро ошкор созад. Инчунин, аз нигоҳи муҳаққиқ моҳияти иқтисодии соҳибкории аграрӣ, самаранокии он нисбат ба дигар шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ таҳқиқ ва муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли масъалаҳои рушди соҳибкорӣ тавассути танзими давлатӣ бо истифода аз механизмҳои андозбандӣ, дастгирии молиявӣ-лизингӣ, суғуртакунонӣ ҳамчун омилҳои муҳими рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ пешниҳод гардидааст.

Барои исботи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ муаллиф маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ ва ташкилотҳои лоиҳавӣ оид ба масъалаҳои рушди фаъолияти соҳибкории аграрӣ, ҳисоботҳои солонаи муассисаҳои баррасишавандаи аграрӣ, инчунин таҷрибаи мамолики хориҷиро оид ба мавзӯи тадқиқот истифода бурдааст.

Дар диссертатсия барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошта шуда маҷмӯи усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ: системавӣ-таркибӣ, муқоиса, таҳлили омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, монографӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд.** Навгониҳои илмии таҳқиқот ҳамчун натиҷаҳои илмии зерин аз ҷониби муҳаққиқ муайян карда шудааст:

- мафҳуми соҳибкорӣ аниқ карда шудааст ва муаллиф соҳибкориро ҳамчун фаъолияти мустақилу ташаббусноки субъектҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, ки дар шароити хавфу хатар ва номуайянии муносибатҳои бозорӣ истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолиро барои ба даст овардани фоида ва ё даромад таъмин менамоянд, тавсиф дода, ҳамзамон соҳибкории аграрӣ чун категорияи "соҳибкории деҳот" арзёбӣ гардидааст, ки он қарорҳои идоракуниро дар сатҳи соҳибкории кишоварзӣ ва соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот фаро мегирад. Исбот шудааст, ки рушди самараноки соҳибкории кишоварзӣ бевосита ба соҳибкории ғайрикишоварзӣ дар деҳот вобастагӣ дорад. Зеро соҳибкории ғайрикишоварзӣ ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозории сектори аграрӣ мусоидат менамояд, тавсиф намудааст (саҳ. 38-41);

- хусусиятҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар сектори аграрии ҷумҳурӣ, ки аз омилҳои табиию биологӣ, вижагии истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ, лапишҳои истеҳсолӣ вобаста ба тағйирёбии иқлим, фондғунҷоиши баланди истеҳсолӣ вобаста мебошад, муайян карда шудаанд (саҳ. 30-32, 34, 36) ;

- бо назардошти татбиқпазирии таҷрибаи хориҷӣ дар шароитҳои Тоҷикистон самтҳои асосии такмили шаклу усулҳои дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ муайян гардида, вобастагии механизми хоси дастгирии давлатии кишоварзии давлатҳои рушдкарда ба унсурҳои танзими бозорӣ нишон дода шудааст;

- таҳлили ислоҳот дар муносибатҳо ва зинаҳои ташаккулу равнақи соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ нишон дод, ки он ба ҳалли масъалаҳои ташкили бозори замин, муносибатҳо вобаста ба таснифи ҳуқуқи моликият ба қитъаҳои замин ва иҷораи онҳо вобаста мебошад. Дар ин раванд, дар диссертатсия ду роҳи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян гардидааст: дар асоси муносибатҳои ҳуқуқи моликият бар истифодабарии замин - ҳуқуқҳои истифодабарӣ, хариду фурӯши ҳуқуқи истифодабарӣ, ҳадя, гарав, ба иҷора додан, ҳуқуқи меросии истифодабарӣ ва ҳуқуқҳои дигар; роҳи дуюм- иҷораи замин, яъне афзоиши теъдоди иҷорагирандагони замин, ки ҳуқуқҳои маҳдуди ихтиёрдорӣ ва истифодаи истеҳсолии заминро, аз ҷумла бо ихтиёрдории монополии маҳсулоти бадастоварда доро мебошанд (саҳ. 32);

- самтҳои ояндадори рушди соҳибкории кишоварзӣ асоснок гардида, амсилаи эконометрикии танзими истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ таҳия гардида, вобастагии байни истеҳсоли зироатҳои корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ муайян карда шуд. Тибқи таҳлили коррелятсионӣ маълум гардид, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ вобастагии баланд байни истеҳсоли сабзавот ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсоли картошка ва сабзавот нисбат ба ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ вуҷуд доранд. Инчунин дар асоси амсилаҳои қаторҳои вақтӣ ва авторегрессионӣ дурнамои маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷумҳурӣ то соли 2025 ҳисоб карда шудааст саҳ. 78, 80, 86-90, 124-126;

- маҷмӯи чораҳои ташкилию иқтисодӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон муайян гардидаанд. Аз ҷумла зарурати татбиқи усули маҷмӯии ташкил ва дурнамои рушди системаи суғуртаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ баҳогузорӣ гардида, дар заминаи таҳияи навъҳои нави хизматҳои суғуртавӣ, такмили қонунгузории суғурта, бозсозии институтсионалӣ дар ин бахш барои рушди соҳибкории аграрии ҷумҳурӣ пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокгардида таҳия шудаанд (саҳ. 105, 108-109, 116, 132-133, 138-139, 143-144).

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилонаи пурра анҷомёфта мебошад, ки навгониҳои назариявию методӣ, инчунин аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Тасдиқи аҳамияти илмӣ-амалӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии доштани таҳқиқоти илмӣ дар истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои алоҳидаи муаллиф аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатӣ оид ба сиёсати зиддинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми коркарди «Барномаҳои рушди соҳибкории солҳои 2012-2020» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.03.2015с. №1194) ва инчунин “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” зоҳир мегардад. Илова бар ин пешниҳодҳои муаллиф дар самти дастгирии давлатии соҳибкории аграрӣ бо роҳи ворид намудани тағйироти мушаххас дар суғуртаи аграрӣ ва кори суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 141) боиси дастгирист.

Автореферат ва корҳои нашр гардидаи муаллиф дар худ тар-кибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навоварии илмии онро ифода менамояд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқии мукаммал дошта, натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дорад, ки

асосҳои назариявию амалии рушди соҳибкории аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос мекунад.

Диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ), ки бо қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2017, №4/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад: 1.2.3. Ниҳодисозии муҳити иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар МАС; 1.4.19. Таҳияи системаи чорабиниҳои танзими давлатӣ ва ҳавасмандгардонии равандҳои тиҷорат; 1.4.20. Дастгирӣ ва рушди тиҷорати корпоративӣ ва тиҷорати бахши хусусии соҳибкорӣ дар деҳот.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар маҷмӯаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Дар мавзӯи диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар маҷаллаҳои илмии соҳавӣ ва маҷмӯаҳои конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр шудааст.

Сохтор, ҳаҷм, тартиб ва танзими диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда бо шумули 168 адад, 166 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар он 22 ҷадвал, 9 расму диаграмма ҷойгир карда шудааст.

Муқаддимаи диссертатсия (саҳ.3-12) мубрамияти мавзӯи интихобгардида, дараҷаи омӯзиши масъаларо аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, усулҳои омӯзиш ва соҳаи таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот, саҳми шахсии

довталаб, инчунин таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишорот ва маълумот оид ба сохтори диссертатсияро дар бар мегирад.

Дар боби якуми диссертатсия (саҳ. 13-58) асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва равнақи фаъолияти соҳибкории аграрӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар зербоби 1.1. муаллиф асосҳои консептуалӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи назарияи соҳибкориро баён намудааст.

Зербоби 1.2. бошад ба масоили хусусиятҳо ва омилҳои ба ташаккул ва равнақи соҳибкориии аграрӣ таъсирбахш бахшида шуда, муҳаққиқ ақидаи олимони ватанию хориҷиро дар ин самт мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст. Хусусан, муҳаққиқ дар охири сархат ба хулосае меояд, ки омили муҳими рушди минбаъдаи соҳибкории бахши аграрӣ ташкили идоракунии самараноки сохторҳои соҳибкорӣ дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла дар сатҳи давлатӣ мебошад. Пеш аз ҳама, рушди худидоракунии маҳаллиро таъмин намуда, ба ҷамоатҳои деҳот ваколатҳои бештар додан лозим аст, ба мисли: доштани буҷети шахсӣ, заминаи андоз ва мустақилона идора намудани хоҷагиҳои маҳаллӣ. (саҳ. 41).

Дар боби дуюми кор (саҳ. 59-90) муҳаққиқ ҳолати муосир ва тамоюли рушди соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, маълумотҳои фаровонеро оид ба фаъолият, истеҳсоли маҳсулот, ҳаҷми заминҳои кишоварзиро пешниҳод намудааст. Инчунин, самаранокии соҳибкории дар бахши аграриро дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромадааст. Диссертант дар зербоби 2.2. масъалаи тамоюлҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ овардааст.

Дар боби сеюми диссертатсия (саҳ. 91-147) такмили механизми ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар зербоби 3.2., ки ба такмили механизми ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкории аграрӣ бахшида шудааст ва инчунин дар асоси амсилаҳои қаторҳои вақтӣ ва авторегрессионӣ дурнамои маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокиро дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷумҳурӣ то соли 2025 таҳия намудааст. Инчунин зербоби 3.3. "Мукаммалгардонии механизми молиявии ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ дар чумхурӣ" муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро чи тавре, ки муаллиф қайд мекунад: "Бо мақсади такмил додани механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ барои рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ, самаранок истифода бурдани дастгирию имтиёзҳои давлатӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ ба мақсад мувофиқ аст."(саҳ. 147).

Дар охир хулоса ва пешниҳодот (саҳ. 148-151) ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (саҳ. 152-164) оварда шудааст.

Чун ҳар як кори илмӣ дар диссертатсияи пешниҳодшуда баъзе ҷиҳатҳои мубоҳисавӣ, яъне баҳснок ва камбудиҳо ба чашм мерасад:

1. Дар сарсухан дар қисмати дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ дар баробари олимони машҳури соҳа бояд Р. Кантилион дохил карда мешуд, гарчанде дар боби якуми кор ақидаҳои ин олим оварда шудаанд. Инчунин дар сарсухан доир ба ҳадафи таҳқиқот диссертант иброз намудааст, ки "Ҳадафи таҳқиқот баланд бардоштани самаранокии шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ аграрӣ дар марҳилаҳои истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва то ба истеъмолкунанда расонидани маҳсулоти кишоварзӣ мебошад". Ин ҳадаф на танҳо мақсади соҳибкорӣ аграрӣ, балки соҳаҳои дигари комплекси агросаноатиро дар бар мегирад. Ғайр аз ин хуб мешуд, ки дар ҳадафи таҳқиқот ибораи дар асоси мукаммал гардонии ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ ворид карда мешуд;

2. Дар боби якуми диссертасия ақидаи муаллифонаи диссертант мушаххасан дарҷ нашудааст, яъне назари амиқи худро оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда баён накардааст;

3. Мавзӯи диссертатсия дар сатҳи ҷумҳурӣ интихоб гардидааст. Аммо, мутаассифона унвонҷӯ танҳо аз маълумотҳои агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдааст, ки ин барои муайян кардани рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ нокифоя аст. Беҳтар мешуд, ин нишондиҳандаҳо интихобан аз хоҷагиҳои деҳқонии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешуданд;

4. Диссертант дар саҳ.38, расми 1 рушди соҳибкорӣ дар деҳот-ро овардааст, аммо дар матн доир ба он ягон ишора нест. Инчунин ин расм соҳибкории аграриро пурра дарбар намегирад;

5. Дар нуктаи 2-уми навгонии дисссертатсия калимаи ҳавас-мандгардонӣ лозим нест, зеро дар он хусусиятҳои соҳибкории аграрӣ оварда шудааст;

6. Дар диаграмаи 5 саҳифаи 98 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар иҷроиши даромаднокии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 – 2020 бо ҳисоби фоиз оварда шудааст, ки дар соли 2020 назар ба соли 2014 ба андозаи 0,9% коҳиш ёфтааст, аммо аз ҷониби диссертант сабабҳои коҳишёбӣ дарҷ нагардидааст ва роҳҳои самараноки баландбардории онро пешниҳод накардааст;

7. Барои такмил додан ва ҳавасмандии рушди соҳибкории аграрӣ дар боби дуюм ё боби сеюми диссертатсия аз тарафи муаллиф ягон модели консептуалӣ ё матритса таҳия карда мешуд, хубтар буд ва сифати диссертасияро баланд мебардошт.

8. Дар диссертатсия беҳтар мешуд агар, таҳлилҳои муқоисавии нишондиҳандаҳои асосии субъектҳои соҳибкории аграрӣ (ҳаҷми фоида (зарар), ҷойҳои кории таъсисёфта ва ғ.) дар соҳаи аграрии минтақаҳои ҷумҳурӣ анҷом дода мешуд.

9. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ба ҷои вожаи инҳисорӣ монополия, ба ҷои корхонаҳои кишоварзӣ бахши ҷамъиятӣ ва ғайра оварда шудааст. Инчунин дар рисолаи диссертат-сионӣ баъзе хатогиҳои имловӣ ва техникӣ дида мешавад.

Вале камбудиҳои зикршуда дар диссертатсия хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти назариявию амалии рушди соҳибкории аграриро бо назардошти такмили механизми ҳавасмандгардонӣ паст намекунанд.

Диссертатсияи Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи: «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)) ба талаботи бандҳои 10, 11, 12 ва 16-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ бояд зикр кард, ки диссертатсияи Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи: «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти илмии мустақилона буда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад, кори илмии баитмомрасида аст ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм инъикос менамояд. Мавзуи таҳқиқот, мазмуну муҳтавои диссертатсия, автореферат, мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф ба ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пурра мувофиқат менамояд. Бинобар ин, муаллифи диссертатсия Иброҳимзода Одилхон Юлдош сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Суроғаи донигоҳ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Тел.: (+992) 934 23 82 20 E-mail: tuhfamoh49 @mail. ru**

**Имзои профессор Низамова Тӯҳфамо Давлатовнаро тасдиқ менамоям. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Э.Ш.Тавқиев**